# ТАҚРИЗИ

мукарризи холис ба диссертатсияи Мирсабуров Шавкатҷон Мираҳматович дар мавзӯи “Флора ва экологияи обсабзҳои сабзи (Chlorophyta) ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника

Рисолаи диссертатсионии Мирсабуров Шавкатҷон Мираҳматович, ки ба обсабзҳои сабз (Chlorophyta)-и ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон бахшида шудааст, то оғози кори илмии унвонҷӯй аз ҷиҳати таркиби таснифотӣ, хусусиятҳои экологӣ ва паҳншавии географӣ ба таври мукаммал омӯхта нашуда буд. Бинобар ин, омӯзиши таркиби флораи обсабзҳои Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон, тағйирёбии мавсимӣ, инкишоф, паҳншавӣ ва муайян намудани ҳолати экологии обанборҳо ва дарёҳо бо ёрии обсабзҳои индикаторӣ, ҳамчунин муайян намудани накши онҳо дар системаи ғизогирии моҳиён аҳаммияти махсуси илмию амалӣ дорад.

Рисола аз муқаддима, 5 боб, хулоса ва феҳристи адабиётҳои истифодашуда иборат аст. Дар муқаддимаи он зарурияти интихоби мавзуъ ва аҳаммияти таҳқиқи он, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои асосии таълифи рисола мушаххас шудаанд. Ҳамчунин муаллиф барои таҳқиқу баррасии мавзӯъ аз сарчашмаҳои илмии ба мавзӯъ алоқамандӣ доранд, ба таври зарурӣ истифода кардааст.

Унвонҷӯй дар рисола аввалин маротиба обсабзҳои сабз (Chlorophyta)-и ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшонро омӯхта, гуногунии биологӣ, таркиб ва сохтори алгофлораи онҳоро пешниҳод кардааст. Инчунин рӯйхати умумии обсабзҳои сабзи Тоҷикистони Шимолиро тартиб додааст, ки он 195 намуд ва зернамудро дар бар мегирад ва аз ин шумора 31 намуд ва зернамуд бори аввал дар ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон, 12 намуду 6 зернамуд ҳамчун бозёфтҳои нави флоравӣ барои Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Диссертант аввалин маротиба таҳлили муқоисавии обсабзҳои сабзи Тоҷикистони Шимолиро гузаронида, 53 намуди обсабзҳои индикаторӣ, ки бо усули биологӣ (биоиндикатсия) муайян намудани ҳолати санитарии обҳои ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон аҳаммияти илмӣ доранд, муайян кардааст.

Дар таҳқиқотҳои солҳои 2013-2020 унвонҷӯй муайян намудааст, ки паҳншавии обсабзҳои сабз дар обҳавзаҳои гуногуни минтақаи таҳқиқотӣ

нобаробар буда, гуногуннамудии зиёд ба обанбори Бахри тоҷик (138 намуд ва зернамуд) ва нисбатан камтар барои обанборҳои Даҳанасой ва Каттасой (66 намуд ва зернамуд) хос мебошад. Алгофлораи дарёҳо бошад аз ҷиҳати гуногуннамудии обсабзҳо хело кам ба қайд гирифта шудааст, ки нишондиҳандаи пасттаринро дарёи Исфара (29 намуд ва зернамуд) нишон додааст.

Диссертант пешниҳод мекунад, ки дар обҳои минтақаҳои гуногуни Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон зиёда аз 77 намуд обсабзҳои сапробӣ дарёфт шуда, аз онҳо 17 намуд ба α-о – альфа-олигосапробионт, 24 намуд ба β-α – бета-альфамезосапробионт, 2 намуд о-х – олиго-ксеносапробионт ва 34 намуд ба β – бетамезосапробионт тааллуқ доранд. Дар ҳавзаҳои обии наздикӯҳӣ ва кӯҳӣ қисми зиёди нишондиҳандаҳои шаффофии об олигосапроб ва ксеносапроб буда, намудҳои полисапробӣ ба қайд гирифта нашудаанд. Аз рӯйи нишондиҳандаҳои намудҳои индикаторӣ муайян карда шудааст, ки обҳои дарёҳои Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон ба дараҷаи II ва III сифати об мансуб мебошанд.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 9 маводи илмӣ, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расида, дар конференсия ва симпозиумҳои гуногун муҳокима гардида аст.

Дар маҷмӯъ вобаста ба диссертатсияи Мирсабуров Шавкатҷон Мираҳматович дар мавзӯи "Флора ва экологияи обсабзҳои сабзи (Chlorophyta) ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон" дар сатҳи зарурии илмӣ иҷро гардида, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 8 низомномаи «Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвонҳои илмӣ» мувофиқ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01. – Ботаника барои дифоъ тавсия карда мешавад.

Ходими пешбари илмии Институти
ботаника, физиология ва
генетикаи растании АМИТ, н.и.б., дотсент
(03.02.01 - Ботаника) А.С. Давлатов

734017, ш. Душанбе, кучаи Карамов, 27
Тел.:+ (992) 918 486900;

Имзои Давлатов А.С.-ро тасдиқ менамоям:
Нозири калони шӯъбаи кадрҳо Н. С. Умарова

ШӮЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

2022